# ҲАНГОМАСОЗОНИ ФУРСАТҶӮ

Аслан, ба ҷиноят даст задани зиндонӣ, ошӯб бардоштану эҷод кардани халос дар зиндон чизи наве нест ва танҳо дар Тоҷикистон не, балки дар ҳама кишвар, чи дар гузаштаву имрӯз, ин таҷрибаи талх ҳаст, ҳатто пешрафтатарин давлатҳо, ки манзили ояндаи башариро дар сайёраҳои дигар ҷустуҷӯ доранд, аз ин моҷароҳои маҳбасу маҳбасиён эмин нестанд. Дар зиндон ба ҷиноят даст задани зиндонӣ аҷиб нест, зеро инсоне, ки дорои ақли солим набошад муртакиби ҷиноят мешавад, ҳангоми дар зиндон ҳаммаслакону ҳамфикрони худро ёфтан боз ба анҷоми ҷиноят иқдом менамояд. Аммо аҷиб он аст, ки аз чунин як рӯйдод нохалафони бадхоҳи фурсатҷӯ ҳангома месозанд ва дар сар задани ин гуна ҳодисаҳо Президент, Ҳукумат, мақомот, шароити маҳбасхона ва ғайраро гунаҳгор медонанд ва боре «гиребони худро бӯ намекашанд»-у ба кӣ будану чӣ будани зиндониёни ошӯбгар ишорае намесозанд ва агар созанд ҳам, аз онҳо қаҳрамонтарошӣ мекунанд.

Воқеан, барои нохалафони фурсатҷӯ, ки умре динро сипари худ қарор додаанду аз номи дин мардумфиребӣ мекунанд ва барои гарм шудани бозору пиёда намудани ғаразҳои зиддимилливу башарии худ номи Исломро дар ҳизби террористии худ ҷо кардаанд, бояд шарм доранд. Бояд аз мусулмон

гуфтану тоҷик номидани худ шарм доранд, зеро сеяк аср аст, ки мардумро ба хоку хун мекашанд, рушду пешрафти ин давлату миллатро дидан наметавонанд ва бо бадбахт кардану аз раҳ задани чанд раҳгумкарда хушҳолии хонаводаҳоро барҳам мезананд, нолаҳои модарони фарзандгумкардаву ашкҳои кӯдакони падар аз даст додаро ҷорӣ месозанд.

Шояд ин ошӯбро нохалафони муздури оқи ватан холи навбатии худ дар назди хоҷагонашон донанд ва боз чанд пули пучаке ба даст оранд, вале бехабар аз онанд, ки ин «қаҳрамонҳо»-яшон чеҳраи воқеии онҳоро нишон доданд ва ба ҷомеаи ҷаҳонӣ боз паём доданд, ки мақсади доишиҳову наҳзатиҳо аз фарёди «водино»-ву «вомиллато» ба ғайр пиёда намудани ҳадафҳои ғаразноки худ чизи дигаре нест. Бори дигар ин ҳақиқатро таъйид намуданд, ки фарқе байни наҳзативу доишӣ нест, балки доишӣ ҳамон наҳзатӣ ва наҳзатӣ ҳамон доишист, ки вобаста ба вақту замон ва ҷову макон ба мисли буқаламун *(хамелеон)* ранг дигар мекунанд. Ва боз ба мардум эълон доштанд, ки мағзшустаҳои наҳзатӣ аз ҳама гуна арзишҳои динӣ, ҳатто аз табиати инсонӣ буранд ва дар азобу шиканҷа додани инсони дигар ягон раҳму шафқат надоранд.

Воқеан, ин нохалафони чуғдфитрат, ки ба ҷуз хароб кардану сӯхтан кори дигар надоранду бо бадбахт кардани дигарон манфиат меҷӯянд, тоқати

созандагиҳоро надоранд ва аз ҳар ҳодисае ҳангома месозанд ва бо ин чеҳраи воқеии худро ошкор менамоянд.